ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

Нашри махсус
3 сентябри
соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: БА МО, ПЕШ АЗ ҲАМА, МУТАХАССИС ЗАРУР АСТ, НА ҶАВОНЕ, КИ ТАНҲО СОҲИБИ ДИПЛОМ АСТ.

### СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ №105-УМИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 31.08.2026



**Ҳамватанони азиз!**
**Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!**
**Хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорони гиромӣ!**

Имрӯзҳо мо дар остонаи таҷлили ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистони азизамон қарор дорем.

Аз ин рӯ, ҳамаи шуморо ба ифтихори ин ҷашни бузурги таърихӣ, инчунин, оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям.

Ҳамчунин, кӯдаконеро, ки имсол бо шодиву сурур бори аввал ба мактаб қадам мегузоранд, шодбош мегӯям ва ба онҳо саломативу хушбахтӣ орзу менамоям.

Хотирнишон месозам, ки маҳз ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва сулҳу суботи комили кишварамон мо барои муҳайё кардани шароити беҳтарини таҳсил ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи кӯдакон ва наврасону ҷавонон корҳои азимро ба сомон расонида истодаем.

Ифтитоҳи бинои наву замонавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105, ки ҳоло мову шумо дар он қарор дорем, самараи истиқлоли давлатӣ ва фазои ороми осоиштаи кишварамон мебошад.

Муассисаи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо тарҳи муосиру замонавӣ бунёд гардида, бо беҳтарин шароиту имкониятҳои таълиму тарбия барои 2400 нафар хонанда пешбинӣ гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар нуҳ соли охир дар ҳудуди шаҳри Душанбе 55 муассисаи нави таълимӣ бо зиёда аз 95 ҳазор ҷойи нишаст ва 42 кӯдакистони замонавӣ барои 8 ҳазор тарбиягиранда бунёд ва ба истифода дода шудааст.

Танҳо соли ҷорӣ ба ифтихори 35-солагии истиқлоли давлатӣ дар пойтахти мамлакат 7 муассисаи нави таълимӣ бо 10 ҳазор ҷойи нишаст ва 8 муассисаи томактабии наву замонавӣ барои 1000 нафар тарбиягиранда ба фаъолият оғоз менамояд.

Дар маҷмуъ, тайи даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 4135 бинои муассисаи таълимӣ бо 1 миллиону 800 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи 8,4 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Як падидаи хеле хушоянди замони соҳибистиқлолии кишвар дар он аст, ки дар кори пуршарафи бунёди таълимгоҳҳои нави муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла соҳибкорони бонангу номус бо Ҳукумати мамлакат ҳамкории самарабахшро ба роҳ мондаанд, ки мо барои ҳиммати ватандӯстонаашон аз онҳо сипосгузорем.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тамоми дастовардҳои мо дар ободиву пешрафти Ватани азизамон, аз ҷумла дар соҳаи маориф, ки созандаи ояндаи миллат ва давлат ба ҳисоб меравад, маҳз самараи истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати пойдори миллӣ мебошанд.

Аз ин лиҳоз, барои мо - мардуми Тоҷикистон сулҳу ваҳдат омили муҳимтарини пояндагии давлату миллат маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, расидан ба кадри сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди огоҳу солимфикри кишвар ба шумор меравад.

Дар моҳи июни соли ҷорӣ қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири насли оянда» низ, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон сурат гирифт, нишонаи саъю талоши пайгиронаи кишвари мо барои ҳифзи сулҳу оромӣ дар сайёра мебошад.

Бо қаноатмандиву ифтихор меҳоҳам иброз намоям, ки заҳмати омӯзгорон ва аҳли маорифи кишвар дар роҳи тақвияти истиқлоли давлатӣ, тарғиби ғояҳои давлатдории миллӣ, роҳнамоӣ кардани мардум ба таҳкими сулҳу ваҳдат ва таълиму тарбияи шоистаи насли даврони истиқлол бисёр назаррас ва шоистаи таҳсину қадрдонӣ мебошад.

Аҳли маориф дар даврае бағоят печидаву пурихтилофи таърихи давлати тоҷикон бори дигар собит карданд, ки ақлу хирад, илму дониш, сабру таҳаммул ва кӯшиш барои сулҳу субот ҷиҳати раҳоӣ аз ҳама гуна буҳрон нақши асосӣ мебозад ва роҳро барои ояндаи босаодат равшану ҳамвор месозад.

Ман борҳо гуфтаам ва боз ҳам таъкид менамоям, ки истиқлолу озодӣ ва сулҳу оромӣ муқаддастарин неъмат ва бузургтарин дастоварди мардуми мо, мояи ифтихор ва нангу номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллат ва шарти хушбахтиву сарбаландии кулли сокинони Тоҷикистон мебошад.

Истиқлоли давлатӣ ҳастии халқи тоҷикро дар паҳнои ҷаҳон ҳифз кард, адолати таърихиро барқарор сохт, тоҷиконро ба аҳли олам ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз ва таҳаммулгарову сулҳҷӯй муаррифӣ намуд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Миллати мо ҳанӯз аз аҳди бостон илм, маърифат ва китобро чароғи зиндагӣ, асоси давлатдорӣ ва сарчашмаи пешрафти ҷомеа медонист.

Дар тӯли ҳазорсолаҳо фарзандони фарзонаи миллати тоҷик бо қудрати хирад ва илму дониш дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми арзишманд гузоштаанд.

Соҳиби илму дониш будан, махсусан, дар замони мо, ки марҳалаи рушду такомули бесобиқаи техникаву технологияҳо ва густариши зеҳни сунъӣ маҳсуб меёбад, аҳаммияти зиёд пайдо кардааст.

Дар чунин шароит на танҳо захираҳои табиӣ, балки инсонҳои донишманд, ҷавонони соҳибмаърифат ва кадрҳои баландихтисос сарвати асосии давлатҳо ба ҳисоб мераванд.

Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки насли наврасу ҷавони мо ба омӯзиши илму дониш таваҷҷуҳи ҳамешагӣ дошта бошад, мунтазам омӯзад ва дар ин замина, ба эҷодкориву навоварӣ машғул шавад.

Барои ин имрӯз дар кишвари мо тамоми шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Ҳукумати Тоҷикистон соҳаи илму маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намудааст.




Зеро мо хуб дарк мекунем, ки сармоягузорӣ ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон - сармоягузорӣ ба ояндаи миллат ва давлат аст.

Аз ин лиҳоз, дар давраи соҳибистиқлолӣ ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 70 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст ва ин рақамҳо далели равшани таваҷҷуҳи махсус ва ҳамешагӣ ба соҳаи маориф мебошад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Маълум аст, ки нахустин давраи фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбия бо муассисаҳои томактабӣ алоқаманд аст.

С. 2-3

Молия ва иқтисод
Камоли одамӣ дар илм бошад
Огози нашр: 7. 03. 2013
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
*Ректор*

Мирсаидов Саидакмал Аброрович
*Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим*

Муқимзода Қутбиддин Мирзоҷон
*Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия*

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
*Муовини ректор оид ба тарбия*

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
*Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ*

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
*Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ*

САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

САРМУҲАРРИР:
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

МУҲАРРИРОН:
Савринисо Давлатова
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/РЗ-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон:
934288855,
907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ №105-УМИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 31.08.2026



Яъне таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ зинаи муҳимтарин бароиояндаи онҳо ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, чанд сол қабл ба сохтору мақомоти дахлдор супориш дода будам, ки барои дар ҳар маҳаллаи дорои беш аз сад нафар аҳолӣ бунёд намудани кӯдакистон чораҷӯйӣ намоянд.

Ин масъалаи бисёр муҳим аст ва дар ин самт мо бояд корҳои боз ҳам бештарро анҷом диҳем.

Бо қарори Ҳукумати мамлакат Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022 - 2027 тасдиқ гардидааст, ки қадами устувор дар самти зиёд намудани имкониятҳои фарогирии кӯдакон маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, ба роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, дигар мақомоти дахлдор бори дигар хотиррасон месозам, ки ба масъалаи бунёди муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи бештар диҳанд.

Имкониятҳои мавҷударо бояд ба иҷрои пурраи талаботи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, барномаи зикршуда ва то 50 фоиз расонидани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ сафарбар намоянд.

Илова бар ин, барои таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯй ба талаботи замон бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар хотир бояд дошт, ки ҳар қадар низом ва сифати тарбия дар кӯдакистонҳо баланд бошад, идомаи таҳсили фарзандони мо дар



муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамон андоза пурсамар хоҳад буд.

Ман зимни вохӯриҳо бо аҳли маориф ва дигар суханрониҳои худ батакрор изҳор доштаам, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ такмили бештар мехоҳад.

Бояд гуфт, ки тайи солҳои охир дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор корҳои назаррас анҷом ёфтаанд.

Аз ҷумла, ҷорӣ гардидани меъёрҳои ягонаи муайянкунандаи сифати таҳсилот, бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии навбунёд, тақвият додани истифодаи технологияҳои рақамӣ ва марҳала ба марҳала баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон бомаром идома доранд.

Мо бояд ҳамқадами замон бошем, омӯзишу истифодаи технологияҳои муосирро дар сатҳи баланд ба роҳ монем ва ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки танҳо дар заминаи маорифи фаъолу фарогир ва пешрав метавонем дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи шоиста пайдо намоем.

Барои мунтазам баланд бардоштани сифати таҳсилот таваҷҷуҳ ба масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла, такмили маҳорати касбии омӯзгорон, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадаму самарабахши тарбия, таҳия ва нашри дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсии насли нав ва бо технологияҳои муосир таҷҳизонидани синфхонаву озмоишгоҳҳо хеле муҳим аст.

Бо низоми муайян баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон низ аз ҷумлаи вазифаҳои зарурӣ мебошад.

Якуми сентябри соли 2024 зимни боздид аз иншооти соҳаи маорифи шаҳри Душанбе ва иштирок дар Рӯзи дониш таъкид карда будам, ки ҷиҳати дар давоми ду сол пурра таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ, адабиёти ёрирасони таълимӣ, илмӣ, дастурҳои методӣ, роҳнамои омӯзгор ва усули таълим аз ҳар як фанни таълимӣ бояд чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки вобаста ба ин супориш як қатор тадбирҳо амалӣ карда шудаанд.

Аз ҷумла, аз оғози соли 2025 то ҳол ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ 9 миллиону 215 ҳазор нусха китоби дарсӣ ва маводди таълимӣ дастрас гардида, ҳоло ин раванд бомаром идома дорад.

Барои дар соли таҳсили 2026 - 2027 бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводди таълимӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ 40 номгӯй китоби дарсӣ аз озмун гузаштааст, ки нашри онҳо давра ба давра анҷом ёфта, дастраси хонандагони муассисаҳои таълимӣ шуда истодааст.

Яъне имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ дар самти норасоии китобҳои дарсӣ мушкилот ба назар намерасад.

Акнун зарур аст, ки мо бештар ба сифати китобҳои дарсӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ намоем.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати боз ҳам такмил додани сифат ва муҳтавои китобҳои насли нав пайваста чораҷӯйӣ намояд.

Ҳоло мехоҳам як масъалаи дигари муҳимро таъкид намоям.

Ҷорӣ намудани ҳама гуна низом, муносибат ё таҷрибаи байналмилалӣ дар раванди таълим аввал бояд ба тариқи озмоиш дар муассисаҳои таълимӣ ҳаматарафа санҷида шуда, ба шароит ва ҳадафҳои стратегии рушди маорифи Тоҷикистон ва арзишҳои миллӣ мутобиқ гардонида, баъд аз он мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар робита ба ин, мо бояд пеш аз ҳама, ба рушди корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар самти илмҳои педагогиву равоншиносӣ ва ҷалби олимону омӯзгороне, ки дар ин ҷода таҷрибаи пешқадам доранд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоем.

Ба ин мақсад зарур аст, ки фаъолияти илмиву таҳқиқотии Академияи таҳсилот, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олие, ки равияи омӯзгорӣ доранд, дар самти таҳия ва пешниҳоди роҳу усул ва технологияҳои инноватсионии таълими фанҳо, дар навбати аввал фанҳои табиатшиносиву риёзӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ тақвият бахшида шавад.

Дар ин раванд, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бояд ҷиҳати аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорони фанҳои табиатшиносиву риёзӣ ва баргузории машғулиятҳои амаливу озмоишгоҳӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

То ба имрӯз мо дар самти рақамикунонӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ корҳои зиёдеро анҷом додаем.

Ҳоло зарурате ба миён омадааст, ки дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, алалхусус ҷавонону наврасон фарҳанги истифодаи шабакаи интернет, телефонҳои мобилӣ, зеҳни сунъӣ ва бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ дуруст ва мунтазам фаҳмонида шавад.

Зеро зарар ё фоидаи технологияҳои нав аз он вобаста аст, ки мо онҳоро чӣ гуна истифода мебарем.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир истифодаи беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронкунанда гардидааст.

Коршиносону таҳлилгарони мустақили созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ низ дар гузоришҳои худ борҳо таъкид намудаанд, ки телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ диққати хонандагонро парешон карда, ба таҳсили онҳо халал мерасонанд.

Аллакай, як қатор давлатҳои мутараққӣ истифодаи телефонҳоро барои хонандагони синни то 16-сола дар шаклҳои гуногун манъ кардаанд.

Бояд гуфт, ки ҳама гуна иттилоот хусусияти синнусолӣ дорад.

Вале дар шабакаҳои иҷтимоӣ ин меъёр умуман риоя намегардад ва бо ҳамин сабаб қисми зиёди кӯдакону наврасон, аллакай, таҳти таъсири манфии чунин иттилоот қарор гирифтаанд.

Истифодаи бемеъёру беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба солимии равонӣ, хоб, нутқ, ҳофиза, қобилияти азхудкунии саводу дониш, фаъолият ва рушди ҷисмонии онҳо зарари ҷиддӣ расонида шудааст.

Хонандагон ба ҷои он ки китоб хонанд, малакаҳои худро ташаккул диҳанд ё ба варзиш машғул шаванд, соатҳои зиёдро дар фазои маҷозии шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд.

Фаромӯш набояд кард, ки кӯдакону наврасонояндаи миллатанд ва мо наметавонем, ки нисбат ба масъалаи солимии онҳо, яънеояндаи миллат бетараф бошем.

Бо дарназардошти ин, ба Вазорати маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки дар муддати се моҳ масъалаи мазкурро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, вобаста ба роҳҳои ҳалли он ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд.

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ №105-УМИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 31.08.2026

Дар шароити рақамикунонии босуръат, рушди пайвастаи технологияҳои иртиботӣ ва афзоиши теъдоди шабакаҳои иҷтимоиву расонаҳои хабарии электронӣ ҷавонон бояд фарҳанги баланди иттилоотӣ дошта бошанд.

Онҳо бояд шабакаҳои иҷтимоиро огоҳона истифода баранд, бо иттилооти ғаразноку хабарҳои бардурӯғ, бахусус, бо ғояҳои ифротгароёна муқовимат карда тавонанд, интернетро барои илму донишандӯзӣ истифода кунанд, вақти худро ба мутолиаи китоб сарф намоянд ва дар таъмини амнияти иттилоотиву мафкуравии ҷомеа саҳмгузор бошанд.

Бо дарназардошти чунин воқеият, бояд роҳҳои мустаҳкам намудани масунияти иттилоотии наврасону ҷавонон дар муқобили таҳдиду хатарҳои муосир ва баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии онҳо дарёфт карда шаванд.

Ҳозирини гиромӣ!

Мо барои дастгирии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси миллӣ як қатор имтиёзҳо муайян кардаем.

Яке аз онҳо, ки қариб сӣ сол инҷониб, яъне аз соли 1997 амал мекунад, қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар тибқи квотаи президентӣ мебошад.

Мақсади асосии квотаи президентӣ дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳо ва бо мутахассисони баландихтисос таъмин намудани чунин минтақаҳо мебошад.

Дар ин муддат аз 61 шаҳру ноҳия ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар 29 ҳазор нафар хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо квотаи президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногун муваффақона кору фаъолият карда истодаанд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат табдил ёфтааст.

Зеро пешрафти саноат, энергетика, сохтмон, кишоварзии муосир, нақлиёт, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, технологияҳои рақамӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ бе кадрҳои соҳибкасбу соҳибҳунар ғайриимкон мебошад.

Бо дарназардошти ҳамин зарурат ва бо мақсади ташаккули низоми муосири касбомӯзӣ Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Таъсиси ин сохтор имкон фароҳам овард, ки таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳамчун низоми мустақили давлатӣ бо сиёсати ягона, стандартҳои муосир, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, робитаи мустақим бо бозори меҳнат ва ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ рушд намояд.

Дар ин муддат шумораи касбу ихтисосҳо дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз 230 ба 730 номгӯй расонида шуд.

Аз ҷумла, дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ имрӯз аз рӯйи 14 самт ва 330 касбу ихтисос ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз рӯйи 10 самт ва 400 ихтисос кадрҳои коргарӣ ва мутахассисон омода карда мешаванд.

Чунин нишондиҳандаҳо гувоҳанд, ки низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тадриҷан ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардида, барои соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ кадрҳои зарурӣ омода менамояд.

Ҳоло дар кишвар 66 муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 28 ҳазор нафар хонанда, аз ҷумла, қариб 8 ҳазор нафар духтарон таҳсил мекунанд.

Теъдоди донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 106 ҳазору 500 нафар расида, нисбат ба соли таҳсили 2020-2021-ум 13 ҳазор нафар ва нисбат ба соли таҳсили гузашта 9 ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Қабули «Барномаи рушди соҳаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2029» оғози марҳалаи нави ислоҳоти соҳа мебошад.

Тибқи нақшаи амалисозии барномаи мазкур, солҳои 2026-2029 таъмиру барқарорсозии биноҳои 61 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла, 43 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 18 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ пешбинӣ гардидааст.




Дар баробари ин, бояд гуфт, ки дар соҳа ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб мавҷуданд.

Аз ҷумла, баланд бардоштани сифати таълими амалӣ, муҷаҳҳазсозии пурраи устохонаҳо ва озмоишгоҳҳо, таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсии тахассусӣ, ҷалби омӯзгорон ва устоҳои соҳибтаҷриба, тақвияти робита бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъмин намудани хатмкунандагон бо ҷойи кор вазифаҳои асосии марҳалаи минбаъда мебошанд.

Дар робита ба ин, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки барои рафъи масъалаҳои ҳалталаб тадбирҳои иловагӣ андешад.

Ҳамзамон бо ин, ба падару модарон, омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва корфармоён таъкид месозам, ки ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунаромӯзӣ бояд ба кори ҳамарӯза ва вазифаи умумимиллӣ табдил дода шавад.

Ҳар як инсон бояд дарк намояд, ки касбу ҳунар доштан соҳиби сарвати бебаҳо будан аст.

Шахси соҳибкасб дар зиндагӣ роҳи худро пайдо мекунад, мустақил мешавад, ба оилааш кумак мерасонад, ба ҷомеа нафъ меоварад ва дар пешрафти давлат саҳм мегузорад.

Бинобар ин, ҷавонони азизро даъват менамоям, ки вақтро ғанимат донанд, илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосирро аз худ намоянд, забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои замонавӣ ва зеҳни сунъиро дар сатҳи баланд омӯзанд ва худро барои зиндагии шоиста ва ояндаи ободи Тоҷикистон омода созанд.

Миллате, ки ҷавононаш дониш меомӯзанд, касбу ҳунар аз худ мекунанд, ба арзишҳои миллӣ эҳтиром мегузоранд ва ҳастии худро бо сарнавишти Ватан пайванд медиҳанд, дар роҳи пешрафт, созандагӣ ва устувории давлати худ қадамҳои боэътимод мегузорад.

Давлат вақте тавоно мегардад, ки ҷавононаш соҳиби илму дониш, касбу ҳунар, маҳорату малака, одобу ахлоқ ва ҳисси баланди ватандорӣ бошанд.

Ҳозирини арҷманд!

Дар пешрафти соҳаи маориф ва густаришу тақвияти сатҳу сифати таълиму тарбия муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат нақши шоиста доранд.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи донишкадаву донишгоҳҳои кишвар бамаротиб афзуда, ҳоло ба 51 расидааст ва чанде аз муассисаҳои таҳсилоти олии мо соҳиби мақоми байналмилалӣ гардидаанд.

Заминаҳои моддиву техникӣ ва шароиту имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ мунтазам беҳтар шуда истодаанд.

Дар баробари ин, дар донишкадаву донишгоҳҳои мамлакат дар самтҳои сифати таҳсилот, таъминот бо устодону омӯзгорони соҳибтаҷрибаву дорои унвони илмӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, фаъолияти паркҳои технологӣ, такмили ихтисоси устодон ва ташкили озмоишгоҳҳои муосир то ҳол баъзе мушкилиҳо ҷой доранд, ки бояд бартараф карда шаванд.

Дар ин раванд, меҳоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба як масъалаи муҳим ҷалб намоям.

Тибқи маълумот дар аксари факултаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён ду соли аввал бештар ба омӯзиши фанҳои ғайриихтисосӣ банд гардида, ба онҳо аксари фанҳои тахассусӣ асосан аз соли сеюм таълим дода мешаванд, ки ин боиси коҳиш ёфтани шавқи донишҷӯ нисбат ба касбу ихтисоси интихобкардааш мегардад.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки ин масъаларо дар муддати се моҳи оянда ҳаматарафа баррасӣ карда, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки ба мо, пеш аз ҳама, мутахассис зарур аст, на ҷавоне, ки танҳо соҳиби диплом аст.

Масъалаи дигаре, ки дар шароити имрӯза хеле муҳим гардидааст, интихоби касби ояндаи ҷавонон мебошад.

Инсон бояд дар интихоби касб хато накунад, вагарна то охири умр сарсону саргардон мешавад ва орзуҳои худро амалӣ карда наметавонад.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи мо зимни интихоби касб тамоюли зоҳирпарастӣ, тақлид ба дигарон ва интихоби бемавриду бемантиқ ҷой дорад.

Аксари ҷавонон мехоҳанд, ки ё табиб шаванд ё ҳуқуқшинос.

Яъне дар аксар мавридҳо интихоби касб на дар асоси қобилият ва истеъдод, балки аз рӯйи ҳавову ҳавас сурат мегирад.

Дар кишварҳои пешрафтаи олам ҳанӯз аз зинаи томактабӣ ва баъдан дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ба масъалаи муайян кардани қобилият, истеъдод ва лаёқати наврасон диққати махсус медиҳанд, то дар зинаҳои навбатии таҳсилот ба рушди онҳо сармоягузорӣ намоянд ва пешрафти наврасону ҷавононро ба самти дуруст равона созанд.

Мо хуб медонем, ки ҳамаи падару модарон орзу доранд, ки фарзандонашон роҳи дурустро интихоб намоянд ва дар оянда хушбахт шаванд.

Аммо онҳо баъзан намедонанд, ки ин амалро чӣ гуна анҷом диҳанд.

Бахусус, агар воқеияти замон ба инобат гирифта нашавад.

Масалан, имрӯзҳо мутахассисони соҳаи амнияти компютерӣ, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, барномасозӣ ва монанди инҳо дар бозори меҳнат талабгори зиёд доранд.

Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи таҳсилот супориш дода мешавад, ки дар муддати 3 моҳ вобаста ба ташаккули фарҳанги интихоби касб ва механизмҳои муайян намудани қобилият ва лаёқати касбии кӯдакону наврасон ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намоянд.

Дар баробари ин, мо бояд ба тарбияи наврасону ҷавонон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем.

Зеро рафтору гуфтори шоиста ифодагари сатҳи тарбия ва симои маънавии шахс мебошад.

Ҳар як инсон дар ҷомеа, пеш аз ҳама, ба шарофати хислатҳои хуб ва ахлоқу одоби ҳамидааш соҳиби эҳтирому обрӯ мешавад.

Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқӣ бояд аз оила оғоз шуда, дар муассисаҳои таълимӣ пайваста идома ёбад.

Ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят бештар онҳое даст мезананд, ки аз тарбияи падару модар дур мондаанд, дар таҳсил фориғболӣ кардаанд, соҳиби касбу ҳунар нестанд ва дар зиндагӣ ҳадафи муайяне надоранд.

Падару модарон вазифадоранд, ки дар оила барои тарбия ва камолоти фарзанд муҳити солим фароҳам оваранд.

Омӯзгорон вазифадоранд, ки дар қалби хонанда эҳтиром ба Ватан, қонун, падару модар, арзишҳои миллӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро парвариш диҳанд.

Таъкид менамоям, ки дар кори ниҳоят муҳимму ояндасози таълиму тарбия албатта, боз ҳам омӯзгорон масъулияти бештар доранд, зеро онҳо неруи тавонои тарбия ба шумор мераванд.

Ҳамчунин, баланд бардоштани сифати таълим ва ба камол расонидани кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи замони пешрафт, дар навбати аввал, аз устодону омӯзгорон, яъне аҳли маориф вобаста мебошад.

Онҳо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки табобати беморон, яъне саломатии мардум, бунёди ҳама гуна иншоот, яъне ободии Ватан, таъмин кардани рушди иҷтимоиву иқтисодии давлат, яъне зиндагии шоистаи ҳар як оилаи кишвар ва дар маҷмуъ, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат аз фаъолияти мутахассисоне вобаста мебошад, ки онҳоро соҳаи маориф ба камол мерасонад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Мо дар марҳалаи ниҳоят мураккабу буҳронӣ ва пурихтилофу хатарбори ҷаҳони муосир зиндагӣ дорем.

Солҳои охир баъзе меъёрҳо ва принсипҳои муносибатҳои байналмилалӣ, ки даҳсолаҳо ҳамчун пояи субот ва ҳамзистии осоишта эътироф мешуданд, тадриҷан беаҳаммият гардида истодаанд.

Бар асари ҷангу даргириҳо ҳазорҳо инсон қурбон гардида, миллионҳо нафар аз манзили худ маҳрум мешаванд ва хатари бесуботии фарогир ба амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад.

Дар чунин вазъият барои ҳамаи мо, пеш аз ҳама, таҳаммулгаро будан, бо андешаву тамкин амал кардан ва дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ талош намудан бағоят зарур аст.

Мо ҳамеша ва дар ҳама ҳолат бояд барои ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ ва оромиву осоиш дар Ватани маҳбубамон ҷидду ҷаҳд намоем, пайваста кӯшиш кунем, ки раванди созандагиву бунёдкориҳоро дар кишварамон боз ҳам вусъат бахшем.

Бузургтарин ҳадафи мо таъмин намудани ободиву пешрафти имрӯзу фардои Ватан, давлат ва зиндагии шоистаи мардум аст.

Дар татбиқу пайгирии ин ҳадафи наҷиб бояд тамоми сокинони мамлакат сарҷамъона амал намоянд.

Ҳар яки мо бояд арҷгузору муҳофизи истиқлолу озодӣ, сулҳу ваҳдат, забону таъриху фарҳанг ва дигар арзишҳои моддиву маънавии миллати бостонии тоҷик бошем.

Ман аз он қаноатмандам ва ифтихор дорам, ки аҳли маорифи мамлакат, устодону омӯзгорон ва хонандагону донишҷӯёни мо ҳамеша дар сафи пеши ҳимояи манфиатҳои миллӣ қарор доранд ва ин мавқеи онҳо устувору пойдор аст.

Бовар дорам, ки ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар ва ватандӯсту созандаи мо фардо ба неруи пешбарандаи иқтисоди миллӣ, пояи устувори ҷомеаи пешрафта ва кафолати идомаи роҳи созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил хоҳанд ёфт.

Бо ибрози эътимод ба ояндаи боз ҳам ободу пешрафтаи Тоҷикистони маҳбубамон аҳли маориф, устодону омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон ва ҳамаи шумо - ҳозирини муҳтарамро бори дигар ба ифтихори ҷашни муқаддасу бузурги 35-солагии истиқлоли давлатӣ, оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям.

Ба ҳамаи шумо - ҳозирини гиромӣ ва кулли мардуми Тоҷикистон саломативу хушбахтӣ, хонаи обод ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

**Пояндаву бегазанд бод, истиқлоли Тоҷикистони азизи мо!**

**www.president.tj**




# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ДОНИШ ДАР ДДМИТ



Санаи 31 август дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки ба муносибати Рӯзи дониш бо аҳли маорифи кишвар доир гардид, мустақиман тариқи телевизион дар чанд толор тамошо намуданд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат ба масъалаҳои рушди соҳаи илму маориф, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони соҳибкасб, тақвияти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Таъкид гардид, ки дар замони соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ пайваста дастгирӣ ёфта, барои рушди инфрасохтори соҳа, беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон маблағҳои назаррас равона карда шудаанд. Аз ҷумла, дар давраи соҳибистиқлолӣ ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 70 миллиард сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст.

Дар идомаи суханронӣ зарурати беҳтар намудани сифати китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ, истифодаи усулҳои муосири таълим, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таъкид гардид.

Ҳамзамон, ба масъалаи рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати донишҷӯён ва омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд.

Дар фароварди суханронӣ Пешвои миллат нақши ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар ва ватандӯсту созандаро дар рушди минбаъдаи кишвар муҳим арзёбӣ намуда, таъкид карданд, ки ҷавонон неруи асосии пешбарандаи ҷомеа ваояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.

Ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зимни муҳокимаи нуктаҳои асосии суханронӣ иброз доштанд, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллат масъулияти аҳли маорифро дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбияи насли донишманду ватандӯст боз ҳам бештар менамояд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДДМИТ САТТОРЗОДА БОБОҶОН АБДУҶАББОР БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ



**Ҳамватанони азиз, устодон ва донишҷӯёну хонандагони гиромӣ!**

Фарорасии соли нави таҳсилро, ки дар таърихи навини давлатдории миллии мо ба унвони Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ёд мешавад, бароятон самимона таҳният менамоям. Хурсандибахш аст, ки ҳамасола мардуми шарафманди Тоҷикистон соли нави таҳсилро бо як шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил намуда, кӯдакону наврасон ва ҷавононро барои аз худ намудани илму дониши муосир роҳнамоӣ менамоянд. Дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик дониш, илму маърифат, ҳамзистиву ҳамгироии миллӣ дар фазои сулҳу субот бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, моҳияти мантиқии фалсафаи мавҷудияти миллати моро таҷассумкунанда мебошад. Аз ин ҷост, ки соли нави таҳсилро пайванд бо дониш ва дарси сулҳ медиҳанд. Дониш ва дарсе, ки моҳияти он инкишофи ҷаҳонбиниву худогоҳии миллӣ, миллатдӯстиву ватандӯстӣ мебошад.

Рӯзи дониш дар кишвари соҳибистиқлоли мо ба яке аз муҳимтарин ва пурмаънотарин санаҳои тақвими миллӣ табдил ёфта, ҳамчун рамзи гиромидошти илму маърифат, мактабу маориф ва донишандӯзӣ таҷлил мегардад. Таҷлили ҳамасолаи ин сана дар саросари мамлакат далели равшани таваҷҷуҳи пайваста ва эҳтироми хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф, аҳли илму дониш ва насли ояндасоз мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ зери сиёсати маорифпарварона ва хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ва илм ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ давлате, ки ба дониш, илм, маърифат ва тарбияи насли созанда такя мекунад, метавонад ба ояндаи устувор, пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди босуботи ҷомеа ноил гардад.

Имрӯз дар марҳилаи нави созандагӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, масъалаи баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони рақобатпазир, рушди тафаккури илмӣ, азхуд намудани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосири рақамӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо намудааст. Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки барои иқтисоди миллӣ кадрҳои баландихтисос омода месозанд, ниҳоят муҳим мебошад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки ҳамчун зодаи даврони соҳибистиқлолӣ бо рушди босуръати кишвар ҳамқадам мебошад, дар тули фаъолияти худ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, имрӯз ба яке аз муассисаҳои бонуфуз ва пуриқтидори соҳавии таҳсилоти олии касбии мамлакат табдил ёфтааст. Ин дастовардҳо, пеш аз ҳама, самараи меҳнати содиқонаю фидокоронаи устодону кормандони донишгоҳ, талошҳои пайвастаи донишҷӯёну магистрон ва саҳми арзандаи тамоми аҳли ин боргоҳи илму маърифат мебошанд.

Имрӯз дар назди ҷомеаи зиёии мо масъулияти бузурге, ба мисли тарбия намудани насли соҳибмаърифат, ватандӯст, худшинос, дорои ҷаҳонбинии васеъ ва мутобиқ ба талаботи замони муосир қарор дорад.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, маҳз дониш омили асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҳар як давлат, инчунин, сарчашмаи муваффақият ва зиндагии осудаи ҳар як инсон мебошад.

Воқеист, ки, дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир танҳо ҷомеае метавонад мавқеи устувори худро нигоҳ дорад ва ба рушди босубот ноил шавад, ки ба илм, маърифат, технологияҳои нав ва неруи зеҳнии инсон такя намояд. Аз ин рӯ, аз худ намудани донишҳои муосир, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияи рақамӣ бояд ҳадафи доимии ҳар як ҷавони тоҷик бошад.

Ҳамзамон, вазифаи муқаддаси мо - аҳли маориф аз он иборат аст, ки дар замири шогирдон эҳсоси муҳаббат ба Ватан, садоқат ба давлату миллат, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулияти шаҳрвандиро таҳким бахшем. Зеро ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, пеш аз ҳама, ба донишу маърифат, ҷаҳонбинӣ ва сатҳи масъулияти ҷавонони имрӯза вобаста мебошад.

Бо истифода аз фурсати муносиб, бори дигар Шумо - ҳамватанони гиромӣ, устодону омӯзгорону донишҷӯёни мамлакатро ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ, инчунин, оғози соли нави таҳсили 2026-2027 самимона табрик менамоям.

Ба ҳар яки Шумо дар роҳи пуршарафи таълиму тарбия, фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омодасозии мутахассисони соҳибмаърифат саломатии комил, неруи тоза, рӯҳияи созанда, дастовардҳои нав ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям. Таманно дорам, ки зери сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, илму дониш дар Тоҷикистони азиз боз ҳам рушд намуда, насли ҷавони кишвар ҳамчун неруи созанда ва соҳибмаърифати ҷомеа дар пешрафти Ватани маҳбубамон саҳми арзандаи худро гузорад.

**Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ҳумоюн бошад!**

# ХУШХАБАР:
# УНВОНИ ИЛМИИ ДОТСЕНТ БА ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲ

Мувофиқи фармоиши Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Руссия «Дар бораи додани унвони илмии профессор ва дотсент» аз 21 сентябри соли 2026, таҳти №751 як қатор таҳқиқотчиёну устодон ба унвонҳои баланди илмӣ сазовор гардиданд. Аз ҷумла, мувофиқи иқтибосҳои расмӣ аз феҳристи аттестатсияи Комиссияи олии аттестатсионии (ВАК)-и Федератсияи Русия сардори бахши таъминоти ҳуқуқии ДДМИТ Ҳаитов Саидалӣ Поргиевич барои саҳми арзанда дар рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба унвони илмии дотсент аз рӯи ихтисоси 5.1.2. - Илмҳои ҳуқуқии оммавӣ-ҳуқуқӣ (давлатӣ-ҳуқуқӣ) мушарраф гардид.

Инчунин, н.и.и., омӯзгори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии ДДМИТ Усмонов Парвиз Нуруллоевич низ барои фаъолияти самарабахши илмию пайгирӣ ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодиёт ба унвони илмии дотсент аз рӯи ихтисоси 5.2.3. - Иқтисоди минтақавӣ ва соҳавӣ сазовор дониста шуд.

Ҳамаи аттестатҳои дидашуда мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Федератсияи Русия ба пойгоҳи расмии унвонҳои илмӣ дохил карда шуда, мақоми фаъол ва пурраи ҳуқуқӣ доранд.

Соҳиб шудан ба унвони илмии КОА-и Федератсияи Русия нишонаи эътирофи байналмилалии сатҳи касбӣ, дониши амиқ ва саҳми муҳими ин олимони соҳа дар тайёр кардани мутахассисони дорои ихтисоси баланд ва рушди илми муосир мебошад.

Раёсати донишгоҳ Саидалӣ Ҳаитов ва Парвиз Усмоновро бо ин дастоварди бузурги илмӣ муборакбод гуфта, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаи таълимию таҳқиқотӣ комёбиҳои нав ба нав ва муваффақиятҳо таманно менамояд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# БЕХАБАР НАМОНЕД!!!
# ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНИ «БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ КИТОБҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ»




Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо мақсади арҷгузорӣ ба Истиқлоли давлатӣ, сулҳу ризоияти миллӣ, ваҳдати миллӣ, мактаби давлатдорӣ, инсондӯстӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасмим гирифтааст, ки озмуни шаҳрии "Беҳтарин донандаи китобҳои Пешвои миллат" баргузор намояд.

Озмуни шаҳрии "Беҳтарин донандаи китобҳои Пешвои миллат" тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе, аз 11 августи соли 2026, таҳти №604 ташкил ва гузаронида шуда, ҷиҳати ҷалби доираи васеи одамони касбу кори гуногун ва махсусан, ҷавонону наврасон ба китобхонӣ ва ба ин васила, боло бурдани маърифати сиёсиву фарҳангии онон имкони хубест, то на танҳо маҳорати худро сайқал ва нишон додан, балки соҳиби маблағи пулӣ гардидан низ мебошад.

Ба таваҷҷуҳи донишҷӯён расонида мешавад, ки даври донишгоҳии озмуни «Беҳтарин донандаи китобҳои Пешвои миллат» моҳи октябри соли 2026 оғоз шуда, устодону донишҷӯёни хоҳишманд метавонанд дар он иштирок намоянд.

Ғолибони озмун бо мукофотҳои арзанда сарфароз гардонида мешаванд.

Барои иштирок ва гирифтани маълумоти бештар ба раёсати илм ва инноватсияи ДДМИТ муроҷиат намоед.

Мутасаддӣ:
Мирсаид ҲАМРОЕВ
телефон: 987-99-05-12

# РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ДАР МАСИРИ ИСТИҚЛОЛ

**Истиқлоли давлатӣ барои ҳар як мамлакат арзиши олӣ ва боэътибор ба ҳисоб меравад, зеро он рамзи озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва комилҳуқуқӣ барои муайян намудани ояндаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 ба марҳилаи нави таърихӣ ворид гардид.**

Дар давоми қариб 35 соли соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи пурифтихор, вале дар айни замон пурмасъулияти давлатсозии миллиро паси сар намуда истодааст. Дар ин замон, бо талошҳои пайвастаю ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пояҳои давлатдории миллӣ мустаҳкам гардида, сулҳу субот барқарор ва барои рушди минбаъдаи кишвар заминаи устувор гузошта шуд. Дар натиҷа, ҷумҳурӣ ба дастовардҳои назаррас дар соҳаҳои гуногун ноил гардида, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ тақвият дода истодааст.

Солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи бисёр ҳассос ва пурмашаққат ба ҳисоб мерафтанд. Кишвар баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ бо як қатор мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид, ки ба рушди устувори давлатдории миллӣ таъсири ҷиддӣ расониданд. Бӯҳрони сиёсӣ, фалаҷ гардидани баъзе аз идораҳои давлатӣ, коҳиш ёфтани вазъи иқтисодӣ, бекорӣ ва норасоии шароити зиндагӣ ҷомеаро ба мушкилоти зиёд гирифтор сохтанд. Ҳамзамон, ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳаёти осоиштаи мардум халал ворид намуда, ба иқтисодиёти миллӣ ва суботи ҷомеа зарари калон расонд.

Бо назардошти вазъи ногувори зиндагӣ дар кишвар халқи тоҷик бо роҳбарии сарвари тавоно ва хирадманди хеш - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист бо иродаи қавӣ, сабру таҳаммул ва ҳисси баланди ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносии миллӣ роҳи сулҳу ваҳдатро интихоб намояд.

Мардуми кишвар хуб дарк карданд, ки танҳо тавассути муттаҳидӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ метавонанд давлатро аз ин мушкилотҳо раҳо бахшанд ва барои ояндаи беҳтар замина гузоранд. Маҳз ваҳдати миллӣ ва сулҳи пойдор имкон доданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба раванди нави рушди давлатдорӣ ворид гардад.

Расидан ба сулҳу субот яке аз бузургтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад, ки маҳз бо шарофати Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст. Сулҳ барои барқарор гардидани ҳаёти осоишта, рушди иқтисодиёти миллӣ ва пешрафти тамоми соҳаҳои мухталифи ҷомеа шароити мусоид ва созанда фароҳам овард. Маҳз бо шарофати сулҳу субот имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёдкорӣ, созандагиву ташаббускорӣ, пешрафт ва таҳкими давлатдории миллӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳким ва рушди давлатдории миллӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои таърихии ин давра қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳамчун санади асосии ҳуқуқии давлат пояҳои давлатдории миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, принсипҳои идоракунии давлатро муайян намуд. Қабули Конститутсия барои ташаккули низоми ягонаи ҳуқуқии миллӣ ва таҳкими волоияти қонун ва муқаддасоти миллӣ аҳамияти зиёду арзишманд дорад.

Дар баробари ин, дар кишвар сохторҳои гуногуни давлатӣ ташаккул ёфта, фаъолияти онҳо тадриҷан такмил ёфтанд. Мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар асоси талаботи Конститутсия фаъолият намуда, барои таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатдорӣ ҳисса гузоштанд. Ислоҳоти давлатӣ ва такмили низоми идоракунӣ имкон доданд, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ самаранок гардида, робитаи давлат бо ҷомеа боз ҳам мустаҳкам карда шавад.



Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳкими соҳибихтиёрӣ ва муаррифии худ ҳамчун давлати мустақил дар арсаи байналмилалӣ низ муваффақ гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодию тиҷоратиро барқарор намуда, узви созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла, СММ, САҲА, СҲШ, ИДМ ва дигар созмону ташкилотҳои байналхалқӣ мебошад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳпарвар, ташаббускор ва ҷонибдори ҳамкориҳои байналмилалӣ шинохта шуда, ташаббусҳо ва пешниҳодҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баландтарин созмонҳои ҷаҳонӣ бо қатъномаҳои махсус қабул карда мешаванд.

Мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар табдил ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои вобаста ба обу иқлим, рушди зеҳни сунъӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва сулҳ барои наслҳои оянда ташаббусҳои муҳими байналмилалиро пешниҳод намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти экологӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи оқилонаи об, нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имкониятҳои нав барои рушди устувор ва дигар масъалаҳои мубрами глобалӣ ҷалб кардааст. Маҳз бо ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор пешниҳодҳои байналмилалӣ вобаста ба масъалаҳои обу иқлим аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардиданд, ки ин иқдомҳо аҳамияти бузурги масъалаҳои экологӣ ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба тағйирёбии иқлим нишон медиҳанд.

Ҳифзу нигоҳдошти пиряхҳо дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳими глобалӣ табдил ёфтааст, зеро бо тараққӣ додани соҳаҳои гуногуни саноат дар сатҳи ҷаҳонӣ обшавии босуръати пиряхҳо метавонад ба захираҳои обӣ ва вазъи экологии ҷаҳон таъсири манфӣ расонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати дорои захираҳои бузурги пирях ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд ва ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳамкории муштарак ҷиҳати ҳифзу нигоҳдошти ин неъмати бебаҳо ва пешгирии ҳамаҷонибаи тағйирёбии иқлим даъват менамояд.

Илова бар ин, сиёсати сулҳҷӯёна ва ташаббусҳои созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардиданд, ки обрӯ ва нуфузи кишвари мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ сол то сол боло равад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷонибдори сулҳу субот, ҳамкорӣ ва рушди устувор муаррифӣ гардидааст. Иштироки фаъолонаи кишвари мо дар баррасии масъалаҳои гуногуни глобалӣ нишон медиҳад, ки мо на танҳо манфиатҳои миллии худро ҳимоя менамоем, балки дар ҳаллу фасли мушкилоти муҳими сатҳи ҷаҳонӣ низ дар канор нестем.

Дигар масъалаи муҳими рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ин пешрафти иқтисодиёти миллӣ ва бунёди инфрасохтори муосири ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар 35 соли соҳибистиқлолӣ дар кишвар чандин лоиҳаҳои калони стратегӣ ва ҳадафнок амалӣ гардиданд, ки барои рушди иқтисодиёт, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва таҳкими робитаҳои дохиливу байналмилалӣ заминаи асосӣ фароҳам оварданд.

Аз ҷумла, дар соҳаи роҳу нақлиёт як қатор роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳо ва пулҳои муҳими стратегӣ сохта ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, нақби «Истиқлол», нақбҳои «Шаҳристон», «Шаршар» ва «Хатлон» барои рушди низоми нақлиётии кишвар ва рафтуомади шаҳрвандон аҳамияти бузург доранд. Бунёди роҳҳои мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Чанок, Душанбе-Кӯлоб-Қалъаихумб-Хоруғ, Душанбе-Нуробод-Рашт-Лахш ва дигар шоҳроҳҳои байналмилалӣ имкон доданд, ки робитаҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа боз ҳам густариш ёбанд. Барои беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло татбиқи 16 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11,3 миллиард сомонӣ идома дорад. Танҳо дар соли 2025-ум дар доираи лоиҳаҳои зикршуда ба маблағи умумии зиёда аз 5,4 миллиард сомонӣ 236 километр роҳҳои мошингард ва дигар иншооти роҳу нақлиёти мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ бунёдгардида ба истифода дода шуданд.

Дар самти энергетика низ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла, НБО-и «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», таҷдиду навсозии НБО-и «Қайроққум» барои зиёд гардидани истеҳсоли неруи барқ мусоидат намуданд. Сохтмони неругоҳи азими барқи обии «Роғун», ки яке аз бузургтарин иншооти энергетикии кишвар ва минтақа ба ҳисоб меравад, ҳамчун қадами муҳим дар роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ арзёбӣ мегардад. Ҳоло корҳои лоиҳавии сохтмони ду неругоҳи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт, 250 мегаватт дар вилояти Суғд ва 250 мегаватт дар вилояти Хатлон оғоз гардида, ҷараён доранд.

Илова бар ин, дар давраи соҳибистиқлолӣ соҳаи саноат низ сол ба сол рушд ёфта, корхонаҳои нави истеҳсолии саноатӣ таъсис дода шуданд. Бо мақсади ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи татбиқи он (солҳои 2019-2025), яъне дар 7 соли охир беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бо ташкили зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2025-ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намудааст.

Суръати рушди соҳаи саноат дар соли 2025-ум 22 фоизро ташкил додааст. Сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат заминаи мусоид мегузорад.

Бояд қайд намуд, ки танҳо тайи даҳ соли охир (2015-2025), яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр иқдомоти муҳимму самарабахшро амалӣ намудааст, ки дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардидааст. Дар ин давра маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзоиш ёфта, аз 6 ҳазор сомонии соли 2015 ба 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расонида шуд. Сатҳи камбизоатӣ бошад, то 19 фоиз дар соли 2025 коҳиш ёфтааст. Даромади пулии аҳолӣ аз 26 миллиард сомонии соли 2015 то 165 миллиард сомонӣ дар соли 2025, яъне беш аз шаш баробар афзоиш ёфтааст. Соли 2025 маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил додааст.

Ҳамаи ин дастовардҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилоти гуногун тавонистааст заминаҳои устувори рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро фароҳам оварад ва дар роҳи пешрафту ободонӣ ва созандагиву бунёдкорӣ қадамҳои устувор гузорад.

Ин ҳама 35-соли истиқлоли давлатӣ роҳи пурифтихору сарнавиштсози давлатдории миллӣ ба ҳисоб меравад. Ин давра собит намуд, ки халқи тоҷик бо иродаи қавӣ, хирадмандӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ тавонист душвортарин марҳилаҳои таърихиро паси сар намуда, барои бунёди як давлати мустақил ва ҷомеаи осоишта заминаи устувор гузорад.

Дар ин муддат, бо кӯшишҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пояҳои давлатдории миллӣ таҳким ёфта, сулҳу субот барқарор гардида, рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа таъмин шуда истодааст. Ин дастовардҳо гувоҳӣ онанд, ки истиқлолият рамзи худшиносӣ, худогоҳӣ, ваҳдати миллӣ ва пешрафти давлат дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа мебошад.

Ҳар як шаҳрванди бонангу номуси кишвар вазифадор аст, ки ин неъмати муқаддас, яъне истиқлолиятро ҳамчун арзиши бузурги давлатдории миллӣ эҳтиром намуда, барои ҳифз, таҳким ва рушди минбаъдаи он саҳми назарраси хешро гузорад. Маҳз дар ҳамин сурат Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар оянда низ ба дастовардҳои боз ҳам сазовор ноил гардида, мавқеи худро ҳамчун давлати мустақил, сулҳпарвар ва рушдёбанда устувор дар ҷаҳони мутамаддин нигоҳ дорад.

**Қутбиддин МУҚИМЗОДА,**
**муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДДМИТ**

# ДАРСИ СУЛҲ ВА РӮЗИ ДОНИШ: ПАЁМИ БУЗУРГИ СОЗАНДАГӢ БА НАСЛИ ФАРДО

**Дар остонаи таҷлили ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-уми шаҳри Душанбе дар маросими таҷлили Рӯзи дониш ва баргузории Дарси сулҳ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

**Суханронии Роҳбари давлат, ки саршор аз ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳу субот, донишандӯзӣ, худшиносии миллӣ, тарбияи насли созанда ва масъулияти шаҳрвандӣ буд, ҳамчун паёми муҳиму роҳнамо барои аҳли маориф, омӯзгорону падару модарон ва, пеш аз ҳама, насли ҷавони Тоҷикистони соҳибистиқлол садо дод.**

## ИСТИҚЛОЛ - ЗАМИНАИ РУШДИ УСТУВОРИ МАОРИФ

Пешвои миллат дар оғози суханронии худ бо самимияти хос тамоми мардуми кишвар, аҳли маориф, омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯёнро ба муносибати оғози соли нави таҳсил, Рӯзи дониш ва ҷашни дарпешистодаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ табрик намуда, кӯдаконеро, ки бори аввал ба остонаи мактаб қадам мегузоранд, махсусан шодбош гуфтанд.

Дар меҳвари суханронии Сарвари давлат як ҳақиқати бебаҳс қарор дошт: тамоми дастовардҳои Тоҷикистон дар роҳи давлатсозиву давлатдории навин, ободонӣ ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла маориф, самараи истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошанд.

Бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтани бинои нави замонавии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-уми шаҳри Душанбе, ки барои 2400 нафар хонанда пешбинӣ шудааст, намунаи равшани ҳамин сиёсати созанда мебошад. Ин муассисаи муосир танҳо як бинои таълимӣ нест. Он рамзи таваҷҷуҳи давлат ба насли наврас, ба ояндаи миллат ва ба рушди сармояи инсонӣ мебошад.

Пешвои миллат бо овардани далелҳои мушаххас таъкид намуданд, ки танҳо тайи нуҳ соли охир дар шаҳри Душанбе 55 муассисаи нави таълимӣ бо зиёда аз 95 ҳазор ҷойи нишаст ва 42 кӯдакистони замонавӣ барои 8 ҳазор нафар тарбиягиранда бунёд ва ба истифода дода шудааст. Ҳамчунин, танҳо дар соли ҷорӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар пойтахти мамлакат 7 муассисаи нави таълимӣ бо 10 ҳазор ҷойи нишаст ва 8 муассисаи томактабии замонавӣ барои 1000 нафар тарбиягиранда ба фаъолият оғоз менамоянд. Дар маҷмуъ, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар мамлакат 4135 бинои муассисаи таълимӣ бо 1 миллиону 800 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи 8,4 миллиард сомонӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст. Ин рақамҳо аз сиёсати воқеан иҷтимоӣ ва ояндабинонаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд. Зеро давлате, ки ба мактаб сармоягузорӣ мекунад, дар асл ба ояндаи худ сармоя мегузорад.

## СУЛҲ - ШАРТИ АВВАЛИНИ ДОНИШ ВА СОЗАНДАГӢ

Дарси сулҳи имсола хусусияти махсус ва аҳаммияти амиқи таърихӣ дошт. Пешвои миллат бори дигар таъкид карданд, ки барои мардуми Тоҷикистон сулҳу ваҳдат омили муҳимтарини пояндагии давлату миллат мебошад. Воқеан ҳам, таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳар як шаҳрванди кишвар, бахусус ҷавонон, як ҳақиқати муҳимро омӯзонд: бе сулҳ на дониш рушд мекунад, на маориф пеш меравад, на иқтисод тавоно мешавад ва на ҷомеа роҳи пешрафту созандагиро идома дода метавонад. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, суханони Пешвои миллат дар бораи арҷ гузоштан ба сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ҳамчун як рисолати муқаддаси шаҳрвандӣ аҳаммияти махсус доранд.

Нишонаи равшани эътирофи нақши Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» мебошад, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон дар моҳи июни соли ҷорӣ қабул гардид.

Ин иқдом бори дигар нишон медиҳад, ки Тоҷикистон на танҳо дар дохили кишвар фарҳанги сулҳу оштӣ ва ҳамдигарфаҳмиро таҳким мебахшад, балки таҷрибаи сулҳофарини худро ҳамчун паёми муҳим ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод менамояд. Аз ҳамин ҷост, ки Дарси сулҳ барои насли ҷавони Тоҷикистон танҳо як чорабинии анъанавӣ нест. Он дарси таърих, дарси ватандӯстӣ, дарси худшиносӣ ва дарси масъулият дар назди Ватан мебошад.

## МАОРИФ - САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДАИ МИЛЛАТ

Яке аз меҳварҳои асосии суханронии Пешвои миллат масъалаи мақому нақши маориф дар рушди давлат буд.

«Сармоягузорӣ ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон ин сармоягузорӣ ба ояндаи миллат ва давлат аст» - ин андеша тамоми муҳтавои сиёсати маорифпарваронаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҷассум мекунад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф беш аз 70 миллиард сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст.

Ин нишондиҳандаҳо бори дигар собит менамоянд, ки рушди маориф барои давлату Ҳукумати Тоҷикистон танҳо вазифаи соҳавӣ набуда, балки масъалаи стратегии миллӣ мебошад.

Пешвои миллат дар суханронии худ аз зинаи томактабӣ оғоз намуда, ба рушди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти олӣ ва омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон таваҷҷуҳи ҳамаҷониба зоҳир намуданд.

Махсусан, таъкид гардид, ки сифати таълиму тарбия бояд ҳамқадами рушди босуръати ҷаҳони муосир бошад.

Мактаби имрӯз бояд ҷавобгӯи талаботи фардо бошад

Ҷаҳони имрӯз бо суръати бесобиқа тағйир меёбад. Пешрафти технологияҳои рақамӣ, рушди зеҳни сунъӣ, густариши шабакаҳои иттилоотӣ ва пайдоиши касбу ихтисосҳои нав дар назди низоми маориф вазифаҳои тоза мегузорад.

Пешвои миллат дар ин робита таъкид намуданд, ки имрӯз сарвати асосии давлатҳо танҳо захираҳои табиӣ нестанд. Инсони донишманд, ҷавони соҳибмаърифат ва мутахассиси баландихтисос сарвати воқеии ҷомеаи муосир мебошад. Аз ин рӯ, мактаб бояд на танҳо дониш диҳад, балки тафаккури мустақил, қобилияти таҳлил, малакаи навоварӣ ва фарҳанги истифодаи технологияҳои муосирро ташаккул диҳад.

Сарвари давлат зарурати такмили маҳорати касбии омӯзгорон, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами таълим, таҳияи китобҳои дарсии насли нав, таҷҳизонидани синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳоро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими соҳа арзёбӣ намуданд.

Дар ин раванд, масъалаи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ низ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифт. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, аз оғози соли 2025 то имрӯз ба муассисаҳои таълимӣ 9 миллиону 215 ҳазор нусха китоби дарсӣ ва маводди таълимӣ дастрас шудааст. Барои соли таҳсили 2026-2027 бошад, 40 номгӯй китоби дарсӣ аз озмун гузашта, нашри онҳо марҳала ба марҳала идома дорад. Акнун, тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, масъала танҳо миқдори китоб нест, балки сифат, муҳтаво ва мутобиқати онҳо ба талаботи ҷаҳонӣ ва арзишҳои миллӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.



## ТЕХНОЛОГИЯ: ИМКОНИЯТ Ё ТАҲДИД?

Аз масъалаҳои хеле муҳими суханронии Пешвои миллат муносибати ҷавонону наврасон ба технологияҳои нав буд.

Имрӯз телефонҳои ҳушманд, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии инсон табдил ёфтаанд. Аммо истифодаи онҳо ҳам имконият аст ва ҳам масъулият.

Пешвои миллат бо нигаронӣ аз истифодаи беназорати телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни хонандагон сухан гуфта, таъкид намуданд, ки зарар ё фоидаи технологияҳои нав пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки инсон онҳоро чӣ гуна истифода мебарад. Дар воқеъ, масъалаи имрӯз танҳо дастрасӣ ба иттилоот нест, балки фарҳанги истифодаи иттилоот мебошад.

Ба таъкиди Пешвои миллат, ҷавони имрӯз бояд тавонад иттилооти дурусту саҳеҳро аз маълумоти бардурӯғ ҷудо кунад, аз таъсири ғояҳои ифротӣ ва иттилооти ғаразнок ҳифз шавад, шабакаҳои иҷтимоиро воситаи донишандӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ истифода намояд, вақти худро дуруст идора кунад , китобхонӣ, донишомӯзӣ ва рушди шахсиро аз ҷаҳони маҷозӣ боло гузошта тавонад.

Дар ҳамин замина, Пешвои миллат масъалаи таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи истифодаи телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоиро дар муҳити таълимӣ ҳамчун вазифаи муҳими сохторҳои дахлдор муайян намуданд. Ин дастур пеш аз ҳама ба ҳифзи саломатии маънавӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоии насли наврас равона шудааст.

## АЗ ДИПЛОМ ТО МУТАХАССИС

Яке аз паёмҳои муҳими суханронии Пешвои миллат ба ҷавонон чунин буд: ба ҷомеа танҳо соҳиби диплом не, балки мутахассиси воқеӣ зарур аст. Ин андеша дар шароите садо медиҳад, ки бозори меҳнати ҷаҳонӣ босуръат тағйир меёбад ва касбу ихтисосҳои нав пайваста пайдо мешаванд.

Имрӯз соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ, амнияти компютерӣ, зеҳни сунъӣ, муҳандисӣ ва дигар самтҳои муосир ба мутахассисони ҷавону соҳибкасб эҳтиёҷи бештар доранд. Аз ин рӯ, масъалаи интихоби дурусти касб барои ҷавонон аҳаммияти ҳаётӣ пайдо кардааст.

Пешвои миллат ба падару модарон, омӯзгорон ва ниҳодҳои масъул муроҷиат намуда, таъкид карданд, ки интихоби касб набояд аз рӯйи тақлид, ҳавову ҳавас ё зоҳирпарастӣ сурат гирад. Ҷавон бояд қобилият, истеъдод, шавқу ҳавас ва талаботи воқеии бозори меҳнатро ба назар гирифта, роҳи худро интихоб намояд. Дар ин самт ба сохторҳои дахлдор вазифа гузошта шуд, ки механизмҳои муайян намудани қобилият ва лаёқати касбии кӯдакону наврасонро таҳия намоянд.

## КАСБУ ҲУНАР - САРВАТИ БЕБАҲОИ ИНСОН

Дар суханронии Пешвои миллат ба масъалаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Имрӯз рушди саноат, энергетика, сохтмон, кишоварзии муосир, нақлиёт, сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва иқтисоди рақамӣ ба кадрҳои соҳибкасбу соҳибҳунар эҳтиёҷи бештар доранд.

Дар солҳои охир шумораи касбу ихтисосҳо дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз 230 ба 730 номгӯй расонида шудааст. Дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ имрӯз аз рӯйи 14 самт ва 330 касбу ихтисос ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 10 самт ва 400 ихтисос кадрҳо омода карда мешаванд. Ин нишон медиҳад, ки давлат барои ҷавонон роҳҳои гуногуни донишомӯзӣ, касбомӯзӣ ва соҳибҳунар шуданро фароҳам овардааст.

Паёми Пешвои миллат ба ҷавонон дар ин масъала хеле равшан аст: ҳар як инсон бояд соҳиби дониш ва касбу ҳунар бошад. Шахси соҳибкасб ҳамеша роҳи худро дар зиндагӣ пайдо мекунад, мустақил мешавад, ба ҷомеа нафъ меоварад ва дар пешрафти давлат саҳм мегузорад.

## ОМӮЗГОР - БУНЁДГАРИ ФАРДОИ МИЛЛАТ

Дар тамоми суханронии Пешвои миллат нақши омӯзгор ҳамчун яке аз неруҳои асосии рушди ҷомеа мақоми махсус дошт. Воқеан ҳам, омӯзгор на танҳо як фанро таълим медиҳад. Ӯ ҷаҳонбинии инсонро ташаккул медиҳад,

С. 7

Нашри махсус
Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон



дар қалби шогирд меҳри Ватанро ҷой медиҳад, эҳтиром ба қонун, падару модар, фарҳанг ва арзишҳои миллиро парвариш мекунад. Аз ҳамин рӯ, таъкиди Пешвои миллат дар бораи масъулияти бузурги омӯзгорон дорои аҳаммияти амиқи иҷтимоӣ мебошад.

Саломатии ҷомеа, рушди иқтисодиёт, пешрафти илму техника, ободии кишвар ва амнияти давлат ҳамаи ин ба сифати кадрҳое вобаста аст, ки онҳоро маориф ба камол мерасонад. Ва дар маркази ин раванд омӯзгор қарор дорад.

Пешвои миллат бори дигар масъалаи тарбияи ахлоқии насли ҷавонро ба миён гузоштанд.

Тарбияи фарзанд аз оила оғоз меёбад ва дар мактаб идома меёбад. Аз ин рӯ, ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ барои ташаккули шахсияти солим, донишманд ва ватандӯст аҳаммияти сарнавиштсоз дорад. Фарзанди дорои дониш, аммо беахлоқ наметавонад ҷомеаро пеш барад. Ҳамчунин, истеъдод бе меҳнат ва дониш бе тарбия наметавонад инсонро ба комёбӣ расонад. Аз ҳамин ҷост, ки Пешвои миллат масъалаи донишро аз масъалаи одобу ахлоқ ҷудо намедонанд.

Ҷавони воқеан муваффақ он ҷавонест, ки ҳам донишманд аст, ҳам соҳибкасб, ҳам соҳибфарҳанг ва ҳам ватандӯст.

## ПАЁМИ УМЕД БА ФАРДОИ ТОҶИКИСТОН

Дар ҷаҳоне, ки имрӯз пур аз бӯҳрону низоъ ва таҳдидҳои гуногун аст, Тоҷикистон таҷрибаи сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва давлатсозиро ҳамчун роҳи асосии пешрафт интихоб кардааст.

Пешвои миллат ҷавононро ба ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, истиқлоли давлатӣ ва арзишҳои муқаддаси миллӣ даъват намуда, баояндаи ҷавонони кишвар эътимоди комил изҳор доштанд.

Ин эътимод бесабаб нест.

Насле, ки имрӯз дар синфхонаҳои наву замонавӣ таҳсил мекунад, ба технологияҳои муосир дастрасӣ дорад, забонҳои хориҷиро меомӯзад, илму дониш меандӯзад ва таъриху фарҳанги худро мешиносад, бояд фардо идомадиҳандаи роҳи созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлол бошад.

Дарси сулҳи соли 2026 дар арафаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ маҳз ба ҳамин маънӣ садо дод: Истиқлолро бояд бо дониш ҳифз кард, сулҳро бо фарҳанг ва таҳаммул таҳким бахшид ваояндаи Ватанро бо меҳнати созанда бунёд намуд.

Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ барои ҳар як омӯзгор дастури масъулият, барои ҳар як падару модар паёми ҳушдор, барои ҳар як ҷавон роҳнамои зиндагӣ ва барои тамоми ҷомеа даъват ба созандагӣ мебошад.

Имрӯз Тоҷикистон дар арафаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба марҳалаи нави рушди худ ворид мешавад. Дар ин марҳала ба кишвар пеш аз ҳама ҷавонони донишманд, соҳибкасб, дорои ҷаҳонбинии миллӣ, фарҳанги баланд ва ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ заруранд. Ва маҳз мактаб бояд чунин инсонҳоро тарбия намояд.

Мактаби имрӯз таҳкурсии Тоҷикистони фардо, дониши имрӯз иқтидори миллии фардо ва сулҳи имрӯз кафолати ҳастии миллат дар оянда мебошад.

Пешвои миллат бо эътимоди қавӣ ба фардои Тоҷикистони маҳбуб изҳор доштанд, ки ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар, ватандӯсту созандаи мамлакат дар оянда ба неруи пешбарандаи иқтисоди миллӣ, пояи устувори ҷомеаи пешрафта ва кафолати идомаи роҳи созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил хоҳанд ёфт.

Ин паёми пурмуҳтаво имрӯз барои тамоми ҷомеаи Тоҷикистон аҳаммияти сарнавиштсоз дорад. Зеро миллате, ки ба дониш арҷ мегузорад, сулҳро муқаддас медонад, ҷавононашро соҳибмаърифат ва соҳибҳунар тарбия мекунад ваояндаи худро бо меҳнати созанда бунёд месозад, ҳамеша зинда, тавоно ва рӯ ба пешрафт хоҳад буд.

**Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ,**
**сардори шуъбаи иттилоот ва нашрияи ДДМИТ**

# НАҚШИ МАОРИФ ВА СИЁСАТИ СОЗАНДАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Таърихи давлатдории навини тоҷикон собит месозад, ки Истиқлоли давлатӣ чун бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллат на танҳо сарнавишти сиёсии кишварро дигаргун сохт, балки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, пеш аз ҳама, илму маориф ва маънавиётро ба марҳалаи сифатан нави рушд ворид намуд. Дар остонаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ на танҳо ҳамчун паёми табрикотӣ, балки чун барномаи мукаммали стратегиву амалӣ арзёбӣ мегардад. Ин суханронӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа, хусусан масъалаҳои мубрами таълиму тарбия, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди технологияҳои муосир, зеҳни сунъӣ, интихоби дурусти касб ва масъулияти шаҳрвандиро дар бар гирифта, самтҳои асосии пешрафти давлату миллатро барои оянда муайян мекунад.



Асоси ҳар як пешрафт ва пойдории давлат, пеш аз ҳама, ба фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ алоқаманд аст. Чӣ тавре ки Сардори давлат дар суханронии худ бо таъкид баён доштанд, тамоми дастовардҳои мо дар ободиву пешрафти Ватани азизамон, аз ҷумла дар соҳаи маориф, маҳз самараи истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати пойдори миллӣ мебошанд. Барои мардуми Тоҷикистон сулҳ омили муҳимтарини пояндагии давлат ба шумор рафта, дар шароити мураккабу пурихтилофи ҷаҳони муосир ҳифзи ин неъмати бебаҳо вазифаи муқаддаси ҳар як фарди огоҳ аст.

Нишони равшани ин талошҳои пайгиронаи кишвар дар сатҳи байналмилалӣ қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» бо пешниҳоди Тоҷикистон мебошад, ки обрӯ ва нуфузи кишварро дар арсаи байналмилалӣ дар ҳифзи сулҳу оромӣ боз ҳам баланд бардошт. Дар баробари ин, муҳтавои суханронӣ нишон медиҳад, ки маориф ҳамчун пойдевори асосии рушди ҷомеа ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Рақамҳои оморие, ки дар суханронӣ зикр шудаанд, аз таваҷҷуҳи бесобиқаи давлат ба ин соҳа шаҳодат медиҳанд. Тайи даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 4135 бинои муассисаи таълимӣ бо зиёда аз 1 миллиону 800 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи чандин миллиард сомонӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Ин нишондиҳандаҳо на танҳо рақами хушк, балки таҷассуми ғамхории пайвастаи Ҳукумат нисбат ба насли ояндасоз ва фароҳам овардани шароити муосири таълим мебошанд. Дар ин раванд, ҳамкории соҳибкорони бонангу номус ва мардуми шарифи Тоҷикистон дар бунёди муассисаҳои таълимӣ намунаи барҷастаи ватандӯстӣ ва масъулиятшиносӣ дар назди ҷомеа ба шумор меравад. Пешвои миллат бо ифтихор қайд карданд, ки сармоягузорӣ ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон ин дар ҳақиқат сармоягузорӣ баояндаи босаодати миллат ва давлат аст.

Масъалаи дигари калидии суханронӣ ба рушди зинаҳои гуногуни таълим, махсусан таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нигаронида шудааст. Таълиму тарбия дар кӯдакистонҳо зинаи аввалини фарогирии кӯдакон ба ҳисоб рафта, сифати он ба тамоми марҳалаҳои минбаъдаи таҳсили хонандагон таъсири мустақим мерасонад. Бо назардошти ин, супориши Пешвои миллат оид ба васеъ намудани шабакаи муассисаҳои томактабӣ дар ҳар як маҳалла ва ба талаботи муосир мувофиқ гардонидани онҳо аҳамияти бузург дорад. Ҳамзамон, рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки бо таъсиси кумитаи дахлдор ва қабули барномаҳои махсус тақвият ёфтааст, имкон медиҳад, ки бозори меҳнат бо кадрҳои баландихтисос ва соҳибкасб таъмин карда шавад. Зиёд шудани номгӯи касбу ихтисосҳо аз 230 то ба 730 номгӯй далели он аст, ки низоми таҳсилот ба талаботи воқеии иқтисоди миллӣ ва пешрафти саноату технологияҳо мутобиқ гардида истодааст. Дар ин баробар, масъалаи интихоби дурусти касб аз ҷониби ҷавонон бори дигар ба таври ҷиддӣ баррасӣ гардид. Президенти мамлакат дуруст қайд карданд, ки аксар вақт ҷавонон ҳангоми интихоби касб ба тамоюли зоҳирпарастӣ ва тақлид роҳ медиҳанд, ки ин баояндаи онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ташаккули фарҳанги касбинтихобкунӣ ва муайян кардани истеъдоду қобилияти кӯдакон аз зинаҳои аввали таълим вазифаи муҳими мақомоти маориф ва волидон маҳсуб мешавад.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонӣ ва густариши зеҳни сунъӣ, талабот ба сатҳи донишу маҳорати инсонҳо ба пуррагӣ тағйир ёфтааст. Сарвати асосии давлатҳо дар замони муосир дигар на танҳо захираҳои табиӣ, балки инсонҳои донишманд, кадрҳои соҳибмаърифат ва мутахассисони варзида мебошанд. Сардори давлат ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, таъкид карданд, ки наврасону ҷавонон бояд забонҳои хориҷӣ, технологияҳои муосир ва асосҳои зеҳни сунъиро чуқуру ҳаматарафа омӯзанд. Аммо дар баробари ин, як масъалаи нигаронкунанда истифодаи беназорат ва бемеъёри телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби хонандагон мавриди интиқоди ҷиддӣ қарор гирифт. Тавре зикр гардид, фазои маҷозӣ бидуни риояи меъёрҳои синнусолӣ ба солимии равонӣ, хоб, нутқ, ҳофиза ва қобилияти азхудкунии дониши хонандагон зарари ҷиддӣ мерасонад. Ин амр боиси он гардидааст, ки баъзе давлатҳои мутараққӣ истифодаи телефонҳоро барои наврасон дар мактабҳо маҳдуд созанд. Аз ин рӯ, супориши Пешвои миллат ба сохторҳои марбута ҷиҳати омӯзиши ин масъала ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар муҳлатҳои мутобиқ ба манфиати ҷомеа ниҳоят саривақтӣ ва муҳим буда, барои ҳимояи маънавию равонии насли наврас равона шудааст.

Дар баробари пешрафту дастовардҳо, Президенти мамлакат масъалаҳои ҳалталаби соҳаи маориф, аз ҷумла баланд бардоштани сифати таълими амалӣ, бо китобҳои дарсии насли нав ва адабиёти ёрирасон пурра таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва ҷорӣ кардани усулҳои пешқадами таълимро ба миён гузоштанд. Таъкид шуд, ки ҳар гуна таҷриба ё низоми байналмилалӣ пеш аз ҷорӣ шудан бояд дар шароити Тоҷикистон санҷида шуда, ба арзишҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии кишвар мутобиқ гардонида шавад. Нақши омӯзгорон дар ин раванд беҳамто арзёбӣ гардид, зеро симои маънавии ҷомеа,ояндаи давлат, тарбияи кадрҳои соҳибихтисос ва рушди тамоми соҳаҳо бевосита аз фаъолият ва заҳмати софдилонаи устодону омӯзгорон вобаста аст.

Хулоса, суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш даъвати бузургест ба ҳар як фарди ҷомеа, то ки бо дарки масъулияти баланди ватандорӣ дар роҳи омӯхтани илму дониш, ҳифзи сулҳу ваҳдати миллӣ, таҳкими истиқлоли давлатӣ ва ободии Тоҷикистони азиз содиқона саҳм гузоранд ва фарзандони худро дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ба камол расонанд.

**Ҷовидон ХАЛИФАЗОДА**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДМИТ**

# МАОРИФ ВА СУЛҲ - ЗАМИНАИ УСТУВОРИ ОЯНДАИ МИЛЛАТ

**Оғози соли нави таҳсил барои аҳли маориф, омӯзгорон, хонандагону донишҷӯён ва падару модарон рӯйдоди муҳим ба ҳисоб меравад. Соли ҷорӣ низ ин рӯйдод бо рӯҳияи хосса ва эҳсоси баланди масъулият баргузор гардид, зеро он ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.**

Баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ тавассути телевизионҳои миллӣ мустақиман намоиш дода шуд, бо диққати зиёд тамошо намуда, суханҳои падаронаи Роҳбари давлатро ҳамчун дастури муҳим барои аҳли маориф ва махсусан омӯзгорон арзёбӣ менамоям.

Яке аз муҳимтарин паҳлуҳои баромад таъкиди нақши сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар рушди ҷомеа мебошад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки тамоми дастовардҳои кишвар, аз ҷумла пешрафти соҳаи маориф, самараи Истиқлол, сулҳу суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати пойдори миллӣ мебошанд.

Ин андеша барои ҳар як омӯзгор аҳаммияти махсус дорад, зеро мо ҳамарӯза шоҳиди он ҳастем, ки дар фазои орому осоишта чӣ гуна имкониятҳои нави таълимӣ аз ҷумлаи мактабҳои нав, синфхонаҳои барҳаво бо таҷҳизоти муосир таъмин, сохтани донишгоҳҳову муассисаҳои замонавӣ, коллеҷу литсейҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ барои таҳсилу рушди кӯдакону ҷавонон шароити бештар муҳайё мешавад.



Дар баромад ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълиму тарбия низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардид. Пешвои миллат таъкид намуданд, ки такмили маҳорати касбии омӯзгорон, истифодаи усулҳои пешқадаму самарабахши таълим, таҳияи китобҳои дарсии насли нав ва бо технологияҳои муосир таъмин намудани синфхонаву озмоишгоҳҳо аз масъалаҳои муҳим мебошанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки омӯзгор пайваста омӯзад ва дониши худро такмил диҳад. Дар замони имрӯза донишҳои як маротиба гирифташуда барои тамоми умр кофӣ нестанд. Илм, технология ва усулҳои таълим босуръат тағйир меёбанд, аз ин рӯ, омӯзгор низ бояд ҳамқадами замон бошанд.

Пешвои миллат дар баромади худ ба рушди илму дониш таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид карданд, ки дар шароити рушди босуръати техникаву технология ва густариши зеҳни сунъӣ соҳиби дониш будан аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Имрӯз инсонҳои донишманд, ҷавонони соҳибмаърифат ва кадрҳои баландихтисос сарвати асосии давлатҳо мебошанд.

Ҳамчун омӯзгор банда ин нуктаро яке аз вазифаҳои муҳимтарини фаъолияти касбии худ медонам. Мо дигар наметавонем ба донишҷӯ танҳо маълумоти китобиро пешниҳод намоем ва аз ӯ такрори онро талаб кунем. Омӯзгори муосир бояд дар донишҷӯ қобилияти фикр кардан, таҳлил намудан, савол гузоштан, мустақилона дониш ҷустуҷӯ кардан, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва истифода бурдани донишро дар амал ташаккул диҳад.

Имрӯзҳо телефон, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ ба ҳаёти ҷавонон ворид шудаанд. Ин равандро боздоштан ғайриимкон ва шояд нодуруст ҳам бошад. Муҳим он аст, ки ҷавонон тарзи дурусти истифодаи онҳоро омӯзанд. Пас, вазифаи мо - омӯзгорон аз он иборат аст, ки ин масъулияти бузургро бо ҳисси баланди касбӣ дарк намуда, барои ҳар як донишҷӯ роҳи дониш, маърифат, касбу ҳунар ва зиндагии шоистаро равшан созем.

**Гулшан НАВРӮЗОВА,**
**мудири кафедраи забони русии ДДМИТ**

# ДОНИШ ВА СУЛҲ ҲАМЧУН ОМИЛҲОИ СТРАТЕГИИ РУШДИ МИЛЛӢ



Таҳлили илмии масоили илму маориф дар партави суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ

Дар шароити тағйироти босуръати иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ масъалаи рушди сармояи инсонӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатҳо табдил ёфтааст. Дар ин раванд, сифати низоми маориф, сатҳи рушди илм, қобилияти касбии аҳолӣ ва муҳити устувори иҷтимоию сиёсӣ омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Аз ин нуқтаи назар, суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ аҳамияти на танҳо иҷтимоӣ, балки илмӣ-таҳлилӣ низ дорад. Мазмуни он масъалаҳои рушди маорифро бо истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот, ташаккули сармояи инсонӣ, омодасозии кадрҳо ва талаботи иқтисоди муосир ба таври мантиқӣ пайваст менамояд.

Ифтитоҳи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 105-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар ин замина танҳо як намунаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ нест. Онро метавон ҳамчун таҷассуми сиёсати дарозмуддати сармоягузорӣ ба инсон арзёбӣ намуд. Тавсеаи заминаи моддию техникии соҳаи маориф марҳилаи нави рушди онро муайян намуда, дар баробари фароҳам овардани имкониятҳои васеи таълимӣ, зарурати истифодаи самараноки ин имкониятҳоро барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ташаккули сармояи инсонӣ ба миён мегузорад.

Бо назардошти нуктаҳои мазкур, арзёбии масъалаҳои зерин аз нигоҳи муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи илму маориф аҳамияти хос дорад:

1. Маориф дар низоми афзалиятҳои рушди миллӣ. Мазмуни суханронии Пешвои миллат нишон медиҳад, ки маориф дар сиёсати давлатӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули иқтидори инсонӣ арзёбӣ мешавад. Дар иқтисоди муосир маҳз сифати захираҳои инсонӣ қобилияти давлатро барои истифодаи самараноки захираҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва тавлиди арзиши иловашуда муайян менамояд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои рушди инфрасохтори таълимӣ маблағгузории назаррас амалӣ гардидааст. Тибқи маълумоти дар суханронӣ зикршуда, дар кишвар тайи давраи соҳибистиқлолӣ 4135 бинои муассисаи таълимӣ бо 1,8 миллион ҷойи нишаст ба маблағи 8,4 миллиард сомонӣ сохта ва ба истифода дода шудааст. Ҳамзамон, ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 70 миллиард сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 10 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, чунин хароҷот бояд на ҳамчун хароҷоти одии буҷетӣ, балки ҳамчун сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ арзёбӣ карда шавад. Натиҷаи ин раванд дар давраи кӯтоҳмуддат дар беҳтар шудани шароити таълим ва дар давраи дарозмуддат дар афзоиши маҳсулнокии меҳнат, рушди иқтидори инноватсионӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ зоҳир мегардад.

Бо вуҷуди ин, сармоягузорӣ ба инфрасохтор танҳо қисми якуми занҷираи рушди маориф мебошад. Қисми дуюм ва аз нигоҳи натиҷавӣ муҳимтар, табдил додани имкониятҳои моддӣ ба натиҷаи босифати таълим мебошад. Аз ҳамин ҷо масъалаи сифати таҳсилот ҳамчун марҳилаи мантиқии идомаи сиёсати рушди маориф ба миён меояд.

2. Аз рушди инфрасохтор ба таъмини сифати таҳсилот. Васеъ гардидани дастрасӣ ба таҳсил бояд бо беҳтар шудани натиҷаҳои таълимӣ ҳамқадам бошад. Зеро шумораи муассисаҳо, синфхонаҳо ва ҷойҳои нишаст танҳо имконияти гирифтани таҳсилро фароҳам меоранд, самаранокии воқеии низоми маориф бошад, аз сатҳи дониш ва малакаи хатмкунандагон муайян карда мешавад.

Сифати таҳсилот падидаи бисёрҷанба буда, аз омилҳои институтсионалӣ, педагогӣ, моддӣ ва технологӣ вобаста мебошад. Дар байни онҳо сатҳи касбии омӯзгор, муҳтавои барномаҳои таълимӣ, сифати китобҳои дарсӣ, усулҳои таълим ва дастрасӣ ба захираҳои илмӣ ҷойгоҳи махсус доранд.

Аз ин рӯ, дастури марбут ба такмили китобҳои дарсӣ, таҳияи адабиёти ёрирасон ва методӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва татбиқи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ бояд ҳамчун ҷузъи сиёсати сифат дар соҳаи маориф баррасӣ гардад.

Дар ин замина, рушди таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Рушди саноат, рақамикунонӣ, энергетика ва технологияҳои иттилоотӣ ба кадрҳое ниёз доранд, ки дорои заминаи устувори донишҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ бошанд. Аммо ҳатто беҳтарин барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бе омили инсонӣ наметавонанд натиҷаи заруриро таъмин намоянд. Маҳз дар нуқтаи пайванди барномаи таълимӣ бо раванди воқеии дарс нақши омӯзгор муайянкунанда мегардад. Аз ин рӯ, масъалаи сифати таҳсилот ногузир ба масъалаи сифати захираҳои омӯзгорӣ мегузарад.

3. Омӯзгор ҳамчун унсури калидии сифати таълим. Ҳеҷ як ислоҳоти соҳаи маориф бе баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгор самараи пурра дода наметавонад. Маҳз омӯзгор сиёсати маорифро ба натиҷаи воқеии таълим табдил медиҳад.

Дар шароити муосир вазифаи омӯзгор аз интиқоли дониш фаротар рафтааст. Ӯ бояд қобилияти ташаккули тафаккури таҳлилӣ, ҳалли масъалаҳо, фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва истифодаи технологияҳои рақамиро дар хонандагон инкишоф диҳад.

Аз ин рӯ, такмили ихтисоси омӯзгорон бояд хусусияти мунтазам ва натиҷамеҳвар дошта бошад. Омӯзгор бояд имкони азхудкунии усулҳои нави педагогӣ, технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои таълимии муосирро дошта бошад.

Истифодаи оқилонаи зеҳни сунъӣ низ метавонад имкониятҳои нави таълимиро фароҳам оварад. Бо вуҷуди ин, технология бояд воситаи баланд бардоштани самаранокии кори омӯзгор бошад, на ҷойгузини масъулияти касбӣ ва муносибати инсонӣ.

Ҳамин тавр, агар омӯзгор сифати раванди таълимро муайян кунад, натиҷаи ниҳоии ин раванд бояд дар сатҳи омодагии хатмкунанда инъикос ёбад. Ин ҷо робитаи маориф бо иқтисод ва бозори меҳнат оғоз мешавад, бинобар ин, муассисаи таълимӣ бояд на танҳо дониш диҳад, балки мутахассисеро омода намояд, ки дониш ва малакаи худро дар фаъолияти воқеии иқтисодӣ истифода бурда тавонад.

4. Мутобиқсозии таҳсилот ба иқтисоди муосир. Яке аз паҳлуҳои муҳимми суханронӣ таваҷҷуҳ ба омодасозии мутахассисон дар самтҳои амнияти технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ мебошад.

Ин масъала аз нуқтаи назари рушди иқтисодӣ аҳамияти махсус дорад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ сохтори талабот ба қувваи кориро тағйир дода, эҳтиёҷ ба мутахассисони дорои малакаҳои технологиро зиёд менамояд.

Дар чунин шароит байни низоми таҳсилот ва бозори меҳнат бояд робитаи институтсионалии устувор ташаккул ёбад. Барномаҳои таълимӣ бояд мунтазам бо назардошти тағйироти технологӣ ва талаботи бозорҳои меҳнати муосир таҷдид карда шаванд.

Дар баробари ин, муассисаҳои таҳсилотӣ бояд бо бахши воқеии иқтисод, ташкилотҳои истеҳсолӣ ва ширкатҳои технологӣ ҳамкориро тақвият диҳанд. Ин имкон медиҳад, ки донишҳои назариявӣ бо малакаҳои амалӣ пайваст шаванд. Аммо иқтисоди миллӣ танҳо ба мутахассисони технологияҳои баланд ниёз надорад. Рушди устувори истеҳсолот ва хизматрасонӣ ҳамзамон ба қувваи кории соҳибкасб дар даҳҳо самти дигар вобаста мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи мутобиқсозии таҳсилот ба бозори меҳнат бояд дар доираи васеи низоми таҳсилоти касбӣ низ идома дода шавад.

5. Таҳсилоти касбӣ ва масъалаи шуғли ҷавонон. Иқтисоди миллӣ ба сохтори гуногуни кадрҳо ниёз дорад ва рушди он танҳо бо афзоиши шумораи мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ таъмин намегардад.

Соҳаҳои саноат, сохтмон, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ ба мутахассисони дорои малакаҳои амалӣ эҳтиёҷ доранд. Аз ин рӯ, рушди низоми касбомӯзӣ бояд бо сиёсати шуғл ва талаботи минтақавии бозори меҳнат пайваст карда шавад.

Таҳсилоти касбӣ метавонад воситаи муҳими рушди соҳибкории ҷавонон низ гардад. Соҳиби касб будан барои ҷавон на танҳо имконияти пайдо кардани ҷойи кор, балки имконияти ташкили фаъолияти мустақилонаи иқтисодиро фароҳам месозад.

Дар натиҷа, таҳсилоти касбӣ ва таҳсилоти олӣ рақиби ҳамдигар нестанд, балки ду зинаи ба ҳам вобастаи ташаккули захираҳои инсонӣ мебошанд. Агар таҳсилоти касбӣ иқтисодро бо кадрҳои дорои малакаҳои амалӣ таъмин намояд, муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд сатҳи дигари ин низом, бахусус тавлиди дониш, таҳқиқот ва омодасозии мутахассисони дорои қобилияти таҳлилӣ ва инноватсиониро таъмин кунанд.

6. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва иқтисоди донишбунёд. Дар шароити ташаккули иқтисоди донишбунёд муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба яке аз институтҳои асосии рушди миллӣ табдил меёбанд.

Вазифаи донишгоҳ танҳо омода намудани мутахассис нест. Он бояд ҳамзамон маркази истеҳсоли дониш, таҳқиқоти илмӣ ва инноватсия бошад.

Зикри нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар суханронии Пешвои миллат аз ҳамин нуқтаи назар муҳим мебошад.

Зиёд шудани муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар имконияти фарогирии бештари ҷавононро ба таҳсил фароҳам овардааст. Марҳилаи минбаъда бояд ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ, рушди таҳқиқоти илмӣ, ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ ва таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот равона гардад.

Дар ин замина, натиҷабахшии фаъолияти донишгоҳҳо бояд на танҳо бо шумораи хатмкунандагон, балки бо сифати таълим, сатҳи шуғли хатмкунандагон, иқтидори илмӣ, таҳқиқоти амалӣ ва саҳм дар рушди инноватсионӣ арзёбӣ карда шавад.

Вале дониш ва рушди илм дар фазои холӣ ташаккул намеёбанд. Барои фаъолияти устувори муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ муҳити иҷтимоию сиёсӣ, пеш аз ҳама, субот ва сулҳ зарур аст. Аз ҳамин нуқтаи назар, гузариш аз масъалаи иқтисоди донишбунёд ба масъалаи сулҳ мантиқи дохилии мавзӯъро идома медиҳад. Дониш ба муҳити созанда ниёз дорад ва муҳити созанда ба фарҳанги донишмандонаи ҷомеа такя мекунад.

7. Сулҳ ҳамчун шарти рушди устувор. Мавзуи сулҳ дар Рӯзи дониш мазмуни махсус дорад. Аз нуқтаи назари рушди иҷтимоию иқтисодӣ, суботи сиёсӣ яке аз шартҳои муҳими татбиқи стратегияҳои дарозмуддати рушд мебошад.

Сулҳ имкон медиҳад, ки захираҳои давлатӣ ба рушди инфрасохтор, маориф, илм ва иқтисод равона карда шаванд. Дар ҷомеаи дорои суботи сиёсӣ муассисаҳои таълимӣ низ метавонанд фаъолияти худро дар асоси барномаҳои дарозмуддат ба роҳ монанд.

Аз ин рӯ, сулҳро метавон ҳамчун як шакли сармояи иҷтимоӣ баррасӣ намуд, ки сатҳи эътимод, ҳамкорӣ ва имконияти амалисозии ҳадафҳои умумиро дар ҷомеа баланд мебардорад.

Дар ин замина, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти таҳкими фарҳанги сулҳ аҳамияти сиёсӣ ва дипломатӣ дошта, ҳамзамон ба ташаккули муносибати масъулиятнок ба масъалаҳои сулҳу субот мусоидат мекунанд.

Агар сулҳ шарти берунии рушди маориф бошад, маърифат метавонад яке аз омилҳои дохилии таҳкими он гардад. Ҷомеаи босавод дорои имконияти бештари таҳлил, муколама ва қабули қарорҳои оқилона мебошад. Аз ҳамин ҷо робитаи дуҷонибаи «сулҳ ва дониш» ба масъалаи фарҳанги маърифатӣ ва рушди қобилияти зеҳнии шаҳрвандон мерасад.

8. Дониш, маърифат ва рақобатпазирии миллӣ. Таъкиди Пешвои миллат ба илм, маърифат ва китоб дар заминаи иқтисоди муосир аҳамияти хос дорад. Имрӯз рақобатпазирии давлатҳо торафт бештар аз қобилияти онҳо дар эҷод, азхудкунӣ ва истифодаи дониш вобаста мегардад.

Барои Тоҷикистон ин масъала аз он ҷиҳат муҳим аст, ки рушди иқтидори инсонӣ метавонад маҳдудиятҳои вобаста ба захираҳои моддӣ ва андозаи бозори дохилиро қисман ҷуброн намояд.

Сармоягузорӣ ба дониш метавонад ба рушди соҳибкории инноватсионӣ, рақамикунонӣ, афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва васеъ гардидани имкониятҳои иштирок дар бозорҳои байналмилалӣ мусоидат кунад.

Дар ин шароит фарҳанги донишандӯзӣ бояд бо фаъолияти илмӣ, таҳқиқот, эҷодкорӣ ва навоварӣ пайваст бошад. Муассисаҳои таълимӣ бояд муҳите эҷод намоянд, ки дар он донишҷӯён на танҳо истеъмолкунандаи дониш, балки иштирокчии раванди тавлиди дониш гарданд.

Ҳамин тариқ, дониш аз арзиши инфиродӣ ба омили рақобатпазирии миллӣ табдил меёбад. Вақте ки маориф инсонро бо дониш таъмин мекунад, бозори меҳнат ин донишро ба фаъолияти иқтисодӣ табдил медиҳад, илм ва технология ҳосилнокии онро баланд мебардоранд ва суботи сиёсӣ барои идомаи ин раванд шароити зарурӣ фароҳам месозад. Аз ин рӯ, вазифаи марҳилаи минбаъда бояд на танҳо нигоҳ доштани дастовардҳои мавҷуда, балки баланд бардоштани самаранокии тамоми ин низоми ба ҳам алоқаманд бошад.

9. Самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи маориф. Аз таҳлили масъалаҳои дар суханронӣ матраҳгардида бармеояд, ки рушди минбаъдаи низоми маориф тақозо менамояд, ки таваҷҷуҳ аз афзоиши миқдории инфрасохтори соҳа ба баланд бардоштани сифати таълим ва самаранокии идоракунии он равона карда шавад. Дар ин замина, такмили мунтазами сатҳи касбии омӯзгорон, навсозии муҳтавои китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ, инчунин истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва усулҳои инноватсионии таълим аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Ҳамзамон, таҳкими таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, мутобиқ намудани ихтисосҳои омодашаванда ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат ва рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз самтҳои муҳими такмили низоми маориф ба ҳисоб мераванд. Тақвияти робитаи байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, соҳаи илм ва истеҳсолот низ барои баланд бардоштани самаранокии омодасозии кадрҳои ба талаботи иқтисоди муосир ҷавобгӯ аҳаммияти муҳим дорад.

Инчунин, рушди ихтисосҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири маориф ба роҳ монда шавад. Дар баробари омодасозии кадрҳои дорои дониш ва малакаҳои муосир, зарур аст, ки дар байни ҷавонон фарҳанги сулҳ, масъулияти шаҳрвандӣ ва тафаккури созанда ташаккул дода шавад. Маҷмуи ин тадбирҳо метавонад барои баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ва фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намояд. Ин самтҳо аз ҳам ҷудо нестанд. Баръакс, онҳо як низоми ягонаи рушди сармояи инсонӣ ва иқтидори миллӣ мебошанд. Самаранокии онҳо аз сатҳи ҳамоҳангии сиёсати маориф бо сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва технологӣ вобаста мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки масъалаҳои маориф ва сулҳ дар ин суханронӣ ҳамчун ду самти ҷудогона не, балки ҳамчун унсурҳои ба ҳам вобастаи рушди устувор баррасӣ мешаванд. Суботи сиёсӣ шароити зарурии рушди маорифро фароҳам месозад ва маорифи босифат бошад, барои ташаккули ҷомеаи донишбунёд, масъулиятшинос ва дорои иқтидори баланди рушди иқтисодӣ замина мегузорад.

Дар марҳилаи кунунӣ барои Тоҷикистон масъалаи асосӣ танҳо зиёд намудани шумораи муассисаҳои таълимӣ нест. Меъёри муҳимтар сифати натиҷаи таълим, рақобатпазирии хатмкунандагон, самаранокии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва қобилияти низоми маориф барои мутобиқ шудан ба тағйироти технологӣ мебошад.

**Раҳимзода Баҳодур Карим,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти ДДМИТ**